**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН**
**ба номи АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО**

**Бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино**
**«___»_____________ с. 20____ № _____**
**тасдиқ шудааст.**
**Ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино д.и.т., профессор**
**_______________________ У. А. Қурбонов**

# НИЗОМНОМАИ ШӮРОИ ДОНИШҶӮЁНИ ХОБГОҲҲОИ ДДТТ БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

**Душанбе -2013**

# Қарори
## Шӯрои олимони ДДТТ
## ба номи Абӯалӣ ибни Сино

**аз «______» марти соли 2012 № ____ ш.Душанбе.**

**Дар бораи тасдиқи Низомномаи «Хобгоҳи донишҷӯёни муассисаи таълимии давлати Донишгоҳи Давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино»**

Шӯрои олимони Донишгоҳи Давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино пешниҳоди муовини ректор оид ба тарбия ва фарҳангро доир ба лоиҳаи Низомномаи «Хобгоҳи донишҷӯёни муассисаи таълимии давлати Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино»- ро баррасӣ намуда

**қарор мекунад:**

1. Низомномаи «Хобгоҳи донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» тасдиқ карда шавад. (Низомнома замима мегардад.)

2. Фаъолияти корҳои тарбиявӣ дар хобгоҳҳо мутобиқи Низомномаи мазкур ба роҳ монда мешавад.

**Раиси Шӯрои олимон,**
**д.и.т., профессор У.А. Қурбонов.**

**Котиби Шӯрои олимон,**
**н.и.т., дотсент Л.А. Бабаева.**

# НИЗОМНОМАИ

**хобгоҳи донишҷӯёни муассисаи таълимии давлати «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино»**

**Муқаррароти умумӣ.**

1. Хобгоҳи донишҷӯён (минбаъд хобгоҳ) қисми таркибии муассисаи таълимии давлати Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино (минбаъд донишгоҳ) буда ,зери тобеияти пурра ва қатъии он мебошад.
2. Хобгоҳ ташкилоти маблағгузор буда, фаъолияташро дар асоси шароитҳои нави иқтисодӣ ба роҳ мондааст. Барои зист дар хобгоҳ маблағи муайяни накдӣ пардохт мешавад. Андозаи он аз ҷониби раёсати донишгоҳ муайян карда мешавад.
3. Маблағи пардохти зист мувофиқи қарори раёсати донишгоҳ ба хазинаи донишгоҳ супорида мешавад.
4. Сарфи маблағ барои боздошти вазъи маишӣ ва нигаҳдории хобгоҳ дар асоси харҷнома ба роҳ монда мешавад.
5. Хобгоҳ барои зисти донишҷӯёни шӯъбаи рӯзонае, ки аз ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ омадаанд ва ба ҷои хоб мӯҳтоҷанд, пешбинӣ шудааст.
6. Барои тартиб додани санадҳо, маълумотҳо, баҳисобгирии амволи дохилӣ, ҳисобдиҳӣ ва дигар амалҳо хобгоҳ ҳақ дорад мӯҳр ва штампи худро дошта бошад.
7. Мутобиқи талаботи моддаи 85 Кодекси Манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон манзили истиқоматӣ дар хобгоҳи донишгоҳ дар давраи таҳсил дода мешавад. Дар асоси додани ҷои зист дар хобгоҳ ба донишҷӯ ҳуҷра ба мӯҳлати як сол дода мешавад.
8. Таъмин намудан бо хобгоҳ дар асоси аризаи хоҳишмандон ба Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён ва бо иҷозати муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ҳар оғози соли хониш аз 25 август то 25 сентябр сурат мегирад. Баъд аз гирифтани рухсатнома бесабаб ҳозир нашудан ба хобгоҳ дар мӯҳлати як ҳафта, рухсатнома беэътибор дониста мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки ба хориҷшавии донишҷӯ аз донишгоҳ монеъ мешавад.
9. Ҷобаҷогузории донишҷӯён дар хобгоҳ мувофиқи «Низомнома»-и мазкур бо риояи меъёрҳои санитарӣ ба амал бароварда мешавад.
10. Барои фаъолияти кормандони хоҷагии хобгоҳ ҳуҷраи алоҳида ҷудо карда мешавад, ки масоҳати он аз ҷониби раёсат муайян карда шудааст.
11. Дар хобгоҳи донишҷӯён ҷойгир намудани шахсони бегона қатъиян манъ аст.
12. Тартиботи дохилии хобгоҳ аз рӯи «қоидаҳои умумии дохили хобгоҳ ба роҳ монда мешавад».
13. Ҳуқуқ ва вазифаҳои кормандони хизматии хобгоҳ дар дастури кори онҳо аз ҷониби ректори донишгоҳ дар мувофиқа бо иттифоқи касаба ва кормандони донишгоҳ муайян карда мешавад.

**14.** Баҳисобгирии донишҷӯён, ҷобаҷогузории онҳо дар хобгоҳ ва тамоми дигар маълумот аз ҷониби коменданти хобгоҳ ва шиносномачӣ бурда мешавад ва асноди талаб намуда, ба раёсати донишгоҳ ё дигар ташкилотҳои лозима пешниҳод мегардад.

## II. Идоракунии Маъмурияти Хобгоҳ

**15.** Идоракунии хобгоҳ аз ҷониби муовини ректор оид ба корҳои тарбия ва фарҳанг ва комендант, ки бо фармони ректори донишгоҳ таъин мегардад, ба роҳ монда мешавад.

**16.** Муовини ректор оид ба корҳои тарбия ва фарҳанг, коменданти хобгоҳ барои истифодаи дуруст ва дар ҳолати хуби санитарӣ нигоҳ доштани хобгоҳ, инчунин таъмин намудани риояи қоидаҳои дохилии зист ва бурдани корҳои тарбиявӣ дар байни донишҷӯёни хобгоҳ масъуланд.

**17.** Фаъолияти коменданти хобгоҳ дар асоси «Дастури кории коменданти хобгоҳи донишгоҳ», ки аз ҷониби раёсати донишгоҳ тасдиқ карда шудааст, ба роҳ монда мешавад.

**18.** Маъмурияти донишгоҳ вазифадор аст:

- барои мувофиқ ба меъёрҳо ва талаботҳои санитарӣ таҷҳизонидану нигоҳ доштани хобгоҳ мусоидат намояд.

- хобгоҳро бо мебел, анҷомҳои хоб ва дигар ашёву таҷҳизоти пешбинишуда таъмин менамояд.

- хобгоҳро бо таҷҳизот ва лавозимотҳои зидди сӯхтор таъмин менамояд.

- таъмини саривақтии маблағро барои нигоҳдошти хобгоҳ ва гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ, маданӣ-маърифатӣ ва варзишӣ ба роҳ монад;

- сари вақт гузаронидани таъмири асбобу таҷҳизот, ҳуҷраҳо ва бинои хобгоҳро таъмин намояд;

- барои мувофиқи талаботи мавҷуда таъмин намудани шароитҳои маишиву коммуналии бошандагони хобгоҳ мусоидат намояд;

- ҳайати кормандони хобгоҳро мувофиқи бастҳои тасдиқшуда ба кор таъмин намояд.

- барои сари вақт бартараф намудани камбудиҳои дар хобгоҳ ба амал омада, мусоидат намояд.

**19.** Коменданти хобгоҳ ӯҳдадор аст:

- донишҷӯёнро ба хобгоҳ танҳо дар асоси ордер ва рухсатномаи аз ҷониби муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ додашуда, бо манзил таъмин намояд:

- нисбати донишҷӯёни дар хобгоҳ истиқоматкунанда ба ҷойҳои лозима маълумотнома пешниҳод намояд:

- тозагии дохили хобгоҳ ва гирду атрофи онро таъмин созад;

- иҷрои қоидаҳои низоми дохилии хобгоҳро таъмин намояд;

- иҷроиши талаботҳои ТБ ва қоидаҳои зидди сӯхторро таъмин намояд;

- бошандагони хобгоҳро бо асбобу анҷомҳои лозима (кати хоб, ҷиҳози хоб, ва ғайра) мувофиқи меъёрҳои қабулшуда таъмин намояд;

- равшании ҳуҷраҳо ва ҷойҳои истифодаи умумӣ, гармии ҳуҷраҳо (ҳарорат на кам аз $18^0$ С)-ро таъмин намояд;

- хобгоҳро бо лавозимоте, ки барои тозагии дохилу атрофи он лозиманд (ҷоруб, латта, собун ва ғайра) мунтазам таъмин намояд;
- кори мунтаззами дарбон ва посбонҳоро назорат намояд;
- ба муовини ректор оид ба корҳои хоҷагӣ ва маъмурӣ ва маъмурияти донишгоҳ, оиди бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта ва беҳтар намудани вазъи маишӣ ва санитарии хобгоҳ дархосту пешниҳодҳо ирсол намояд;

Мувофиқи тартиботи ҷорӣ, масъалаву мунокишаҳои байни истиқоматкунандагони хобгоҳ ва коркунони хизматии он ба амал омадаро ҳал намояд;

## III. Ташкилотҳои худфаъолияти ҷамъиятии хобгоҳ.

20.Дар хобгоҳ аз ҳисоби истиқоматкунандагон, Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ ташкил карда мешавад.
21.Аъзои Шӯрои донишҷӯён дар маҷлиси умумии истиқоматкунандагони хобгоҳ интихоб мегардад.
22.Раиси Шӯрои донишҷӯён дар маҷлиси умумии истиқоматкунандагони хобгоҳ, бо иштироки муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ интихоб карда мешавад.
23.Фаъолияти Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ, ки аз ҷониби раёсати донишгоҳ дар мувофиқа бо иттифоқи касабаи донишҷӯён ва шӯъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ тасдиқ мегардад, ба роҳ монда мешавад.
24. Коменданти хобгоҳ ва мураббии хобгоҳ барои фаъолияти мунтазами Шӯрои донишҷӯён мусоидат менамояд.
25. Шӯрои донишҷӯён сардорони ҳуҷраҳо ва масъулони бахши дигари худидорaро таъин менамояд.
26. Раиси Шӯрои донишҷӯён навбатдории аъзои Шӯроро дар хобгоҳ ба роҳ мемонад ва назорат менамояд;
27. Иҷрои қарорҳои Шӯрои донишҷӯён, ки бо Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён ва шӯъбаи кор бо ҷавонон мувофиқа карда шудааст ва аз ҷониби Раёсати донишгоҳ тасдиқ гардидааст, барои ҳамаи сокинони хобгоҳ ҳатмӣ мебошад.

## IV. Ҷойгиркунони дар хобгоҳ ва таҷҳизонидани он.

28.Мувофиқи «Низомнома»-и мазкур ҳуқуқи истифода аз хобгоҳро донишҷӯён давоми таҳсили худ дар донишгоҳ дошта, хангоми гузаштан ба донишкада ё донишгоҳи дигар онҳо аз ҳуқуқи зист дар хобгоҳ маҳрум мегарданд.
29.Хобгоҳ ба донишҷӯён мувофиқи қарори ректори донишгоҳ дар мувофиқа бо садорати факултаҳо дода мешавад ва ба ҳар донишҷӯ аз ҷониби муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва фарҳанг ордер ва аз ҷониби иттифоқи касабаи донишҷӯён рухсатномаи махсус бо нишон додани мӯҳлати муайяни зист дар хобгоҳ, дода мешавад;
30.Ба истиқоматкунандагони хобгоҳ барои истифодаи шахсӣ ва умумӣ мувофиқи меъёрҳои қабулшуда ашёву таҷҳизот дода мешавад.

31.Дар хобгоҳ ҳуҷраҳои алоҳида барои либосшӯи, хӯроктайёркунӣ, анҷомхона, ҳуҷраҳои корӣ, ҷойи шустушӯӣ (душ), толори умумӣ, ҳуҷраи маишӣ, ҳоҷатхона ҷудо карда шудааст.
32.Ҳуҷраҳои истиқоматӣ бояд бо ҳамаи таҷҳизоте, ки барои истиқомат ва дарстайёркунӣ лозиманд, ҷиҳозонида шаванд.
33.Ҳуҷраҳои хӯроктайёркунӣ бояд бо таҷҳизотҳои зерин муҷаҳҳаз бошанд:
-плита;
-стол(мизи калон);
-курсиҳо;
-ташноб;
-ахлотқуттӣ;
34.Ҳуҷраи либосшӯи бо таҷҳизотҳои зерин муҷаҳҳаз бошад:
-оби гарму хунук;
-баки обкашонӣ;
-тағора;
-хушкунак, дарзмол;
-мизи дарзмолкунӣ;
35.Анҷомхона бояд бо рафҳои махсус, стелажҳо, овезакҳо ҷиҳозонида шавад;
36.Истифодаи душ аз ҷониби коменданти хобгоҳ мувофиқи имкониятҳои ҷойдошта муайян карда шавад.

## V. Хизматрасонӣ дар хобгоҳ.

**37.** Хизматрасонӣ дар донишҷӯён ҳисси ташабусскорӣ ва мустақилиятро талқин менамояд, онҳоро ба тозакориву бонизомӣ ҷалб менамояд, дар онҳо ҳисси масъулият нисбат ба иҷрои ӯҳдадориҳо, ғамхорӣ нисбат ба коллективро бедор месозад, дар тарбияи мадании онҳо роли калон мебозад.
**38.**Корҳои хизматрасониро дар хобгоҳ, Шӯрои донишҷӯён ташкил ва назорат мекунад.
**39.** Корҳои хизматрасонӣ аз инҳо иборат мебошад:
-тоза нигоҳ доштани ҳуҷраи худ;
- тоза нигоҳ доштани ҷойҳои истифодаи умумӣ;
- тоза нигоҳ доштани саҳну атрофи хобгоҳ;
-гузаронидани рӯзҳои тозагӣ ва санитарӣ;
-гузаронидани ҳашару шанбегиҳо;
-омодасозии хобгоҳ барои гузаронидани чорабиниҳои гуногуни сиёсӣ, маданӣ ва варзишӣ;
-ташкил намудани навбатдорӣ дар ҷойҳои истифодаи умумӣ ва ошёнаҳо;

## VI. Китоби қайдҳо дар хобгоҳ.

40.Дар хобгоҳ бояд китоби дархосту шикоят ва пешниҳодҳо мавҷуд бошад. Ин китоб дар назди комендант ё дарбонҳо нигоҳ дошта мешавад ва бо талаботи дархосткунанда ,барои гузоштани қайдҳо пешниҳод карда мешавад.
41.Инчунин дар хобгоҳ китоби қайди устодони навбатдор ва шахсони дигари назораткунанда ташкил карда шудааст. Ин китоб дар назди

коменданти хобгоҳ нигоҳ дошта мешавад, баъди анҷоми соли хониш китоби мазкур барои нигоҳ доштан ба бойгонии донишгоҳ супорида мешавад.
42.Инчунин дар хобгоҳ аз тарафи коменданти хобгоҳ дар мувофиқа бо Шӯъбаи муҳофиза ва Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён китоби қайдҳои дарбонҳо ташкил карда мешавад.

## VII. Хориҷ намудан аз хобгоҳ.

43.Аз хобгоҳ баровардани истиқоматкунандагони он, ,баъди анҷом ёфтани соли хониш, бо қарори раёсати донишгоҳ ва тибқи низоми хориҷшавӣ аз он ба амал баровварда мешавад.
44.Таъмини хобгоҳ ба донишҷӯён барои як соли хониш муқаррар шудааст.

## VIII.Ҳуқуқ ва вазифаҳои истиқоматкунандагони хобгоҳ

45.Донишҷӯёне, ки дар хобгоҳ истиқомат мекунанд, ҳуқуқ доранд:
- аз таҷҳизоти дар хобгоҳ буда истифода намоянд;
- аз ҳуҷраҳои маишии дар хобгоҳ мавҷуда истифода баранд;
- аз шароитҳои коммуналӣ-маишии дар хобгоҳ муҳайёбуда истифода баранд;
- барои иваз намудани таҷҳизоти фарсудашуда дархост пешниҳод намоянд;
- барои бартараф намудани камбудихои баамаломада ва беҳтар сохтани аҳволи маишии худ дархост пешниҳод кунанд;
- дар интихоби аъзои Шӯрои донишҷӯён иштирок намоянд ё худ ба аъзогӣ қабул карда шаванд;
- дар чорабиниҳои умумии маданӣ, фароғатӣ ва варзишӣ иштирок намоянд;
- корҳои ташаббускорӣ, аз қабили ороиши хонаҳо, роҳравҳо ва зоҳири толорҳо иҷозат дода мешавад.
- дар муҳокимаи масъалаҳои пешниҳодшуда иштирок намоянд ва пешниҳодҳои худро баён созанд;
46.Донишҷӯёне, ки дар хобгоҳ истиқомат мекунанд, ӯҳдадоранд:
- қоидаҳои низоми дохилиро қатъиян риоя намоянд;
- бо ҷиҳозу таҷҳизоти дар хобгоҳ ва дар ихтиёрашон буда, эҳтиромона муносибат намоянд;
- дар ҳуҷраҳои худ тозагиро нигоҳ доранд;
- дар ҷои истифодаи умум тозагӣ ва нафосатро нигоҳ доранд;
- қувваи барқ ва обро сарфакорона истифода баранд;
- анҷомҳои шахсии худро, ки барои истифодаи ҳаррӯзаашон лозим нестанд, ба анҷомхонаи хобгоҳ супорад;
- ҳаққи зисти худ дар хобгоҳро сари вақт пардохт намояд;

-Маблағи муайянро дар шакли гарав, ки ба хотири нигоҳубини амволу ашёи хобгоҳ муқаррар гаштааст, сари вақт ба хазинаи донишгоҳ супоранд;
- зарари ба хобгоҳ расонидашударо мувофиқи тартиби ҷоришуда, яъне аз ҳисоби маблағи гарав, ҷуброн намоянд;

- қоидаҳои зидди сӯхторро риоя намоянд;
- бе иҷозати маъмурияти хобгоҳ таҷҳизоти иловагии барқиро истифода набаранд;
- ҳангоми аз хобгоҳ рафтан, ашёҳои дар ихтиёрашон бударо шахсан баргардонанд;
- ҳаққи ҳармоҳаи зистро сари вақт ба хазинаи донишгоҳ пардохт намояд.

47. Донишҷӯёне, ки дар хобгоҳ истиқомат доранд, ба чорабиниҳои умумии хобгоҳ оиди тозакунӣ, кабудизоркунӣ ва дигар корҳои ҷамъиятӣ ҷалб карда мешаванд.

## IX. Қоидаҳои низоми дохилӣ дар хобгоҳи донишҷӯён.

48. Ҳуқуқи истифодаи хобгоҳ ба донишҷӯён дар давоми як соли таҳсилашон дар донишгоҳ дода мешавад.
49. Ҷойгиркунии донишҷуён дар хобгоҳ аз рӯи ордер ва рухсатнома, ки аз ҷониби муовини ректор оид ба тарбия дода мешавад, амалӣ мегардад.
50. Ҳангоми бо хобгоҳ таъмин намудан, донишҷӯ ӯҳдадор аст:
Шахсан ба коменданти хобгоҳ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намояд:
**а)** ордер;
**б)**рухсатнома:
**в)**шиноснома;
51. Шахсони бо хобгоҳ таъминшуда барои дар қайд мондан аз ҷониби муовини ректор оид ба тарбия, мудир(комендант)-и хобгоҳ пешниҳод карда мещаванд. Ҳаққи бақайдгирӣ аз ҷониби худи ин шахсон пардохт карда мешавад.
52. Донишҷӯён ду ҳафта қалб аз анҷом ёфтани соли хониш огоҳонида мешаванд:
53. Донишҷӯёни дар хобгоҳ буда, аз ҷониби коменданти хобгоҳ дар асоси пешниҳоди раиси Шӯрои донишҷӯён, метавонанд аз як ҳуҷра ба ҳуҷраи дигар гузаронида шаванд.
54. Асбобу ҷиҳозҳои дар хобгоҳ буда ба донишҷӯён барои истифодаи шахсӣ ва умумӣ аз ҷониби коменданти хобгоҳ бо гирифтани имзои шахсӣ ва пур кардани варақаи амвол дода мешавад.
55. Ҳар як донишҷӯ барои ашёву амволи гирифтааш шахсан ҷавобгар аст.
56. Дар ҳар як ҳуҷра рӯйхати асбобу анҷомҳои қабулкарда бо имзои коменданти раиси Шӯрои донишҷӯён ва сардори ҳуҷра бояд мавҷуд бошад.
57. Аз хобгоҳ баровардани ҷиҳозу амволи шахсӣ танҳо бо иҷозати коменданти хобгоҳ, дар асоси маълумотномаи сардори ҳуҷра имкон дода мешавад.
58. Асбобу анҷомҳои ба хобгоҳ овардаи худро дар дафтари дарбонҳо қайд мекунанд.
59.Донишҷӯён барои ба хобгоҳ даромадан бо рухсатномаҳои махсуси суратдор, ки аз ҷониби Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён дода мешавад, таъмин мегарданд.

60.Шахсони бегона ба хобгоҳ бо иҷозати комендант аз соати $9^{00}$ то $20^{00}$ роҳ дода мешаванд.
61.Шахсони ба меҳмонӣ омада, бояд дар назди дарбонҳо ҳуҷҷати шахсии суратдори худро гузоранд.
62.Барои сари вақт баромадан ва қоидаҳои низоми дохилии хобгоҳро риоя намудани шахсони бегона, донишҷӯе, ки онҳоро даъват намудааст ҷавобгар аст.
63.Баъди соати $23^{00}$ дар хобгоҳ бояд оромии мутлақ риоя карда шавад. Дар ин вақт бояд танҳо чароғи роҳравҳо ва ҷойҳои истифодаи умум фурӯзон бошаду халос.
64.Гузаронидани ҳар гуна чорабиниҳои фарҳангӣ дар хобгоҳ мувофиқи нақшаи кори тарбиявии мурабии хобгоҳ, Шӯрои донишҷӯён, ки бо муовинати тарбияи донишгоҳ мувофиқа карда шудааст, гузаронида мешаванд.

## X. Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ.

65.Бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ дар байни донишҷӯён ва баланд бардоштани ҳисси масъулияти шахсӣ дар хобгоҳ Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ ташкил карда мешавад.
66.Иҷрои қарорҳои Шӯрои донишҷӯён барои ҳамаи донишҷӯёни дар хобгоҳ буда ҳатмӣ мебошад.
67.Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ дорои сохтори кории худ аст, ки мувофиқи он сардорони ошёнаҳо, ҳуҷраҳо, масъулини бахшҳои гуногун таъин ва вазифаҳои онҳо муайян карда мешаванд.
68.Шӯрои донишҷӯён нашрияи девории худро дорад, ки моҳе на камтар аз як бор бароварда мешавад.
69.Дар ҳар ошёна сардор интихоб карда мешавад.
70.Ба зиммаи сардори ошёна вазифаҳои зерин гузошта мешавад:
- Ташкил ва баргузории озмуну маҳфилҳо
- ба ҳисоб гирифтани ҳамаи донишҷӯёни ошёна;
- ташкил намудани навбатдорӣ дар ошёна;
- назорати риояи тартибот аз ҷониби донишҷӯён дар ошёна;
- аз назар гузаронидани ҳолати ҳуҷраҳо дар ошёна ва ҳисобот додан ба раиси Шӯрои донишҷӯён;
- аз донишҷӯён талаб намудани муносибати эҳтиёткорона нисбати таҷҳизотҳои дар ошёна мавҷудбуда;
- дар ҳолати хуби тозаву санитарӣ нигоҳ доштани ошёна;
- ошкор намудани камбудиву норасогиҳои дар ошёна ҷойдошта;
- ҳамкорӣ намудан бо кормандони маъмурии хобгоҳ ҷиҳати беҳдошти вазъи маишии донишҷӯён.
71.Дар ҳар як ҳуҷра сардори ҳуҷра интихоб мешавад;
72.Сардори ҳуҷра рӯйхати истиқоматкунандагони ҳуҷраро дар паси дари ҳуҷра овезон мекунад;
- тартиби навбатдориро дар дохили ҳуҷра муайян менамояд;
- риояи қатъии қоидаҳои низоми дохилии хобгоҳро аз бошандагони ҳуҷра талаб менамояд;

- истифодаи дурусти асбобу анҷомҳои дар ихтиёрдоштаро аз бошандагони ҳуҷра талаб менамояд ва назорат мекунад;
- ҳолати тозагӣ ва санитарии ҳуҷраро таъмин менамояд.
73.Дар асоси талабот сардори ошёна навбатдориро дар ошёна аз ҳисоби бошандагони ҳуҷра таъмин менамояд.
74.Нишондодҳои сардори ҳуҷра барои ҳамаи истиқоматкунандагони он ҳатмӣ мебошанд.

## XI. Ӯҳдадориҳои истиқоматкунандагони хобгоҳ.

75.Бинои хобгоҳ, таҷҳизот ва асбобу ашёҳои он моликияти донишгоҳ мебошанд. Донишҷӯён, кормандони донишгоҳ ва хобгоҳ, меҳмононе, ки ба бинои хобгоҳ, таҷҳизот ва ашёҳои он зарар мерасонанд дар асоси қонунҳои мавҷуда ҷавобгар мебошанд.
76.Донишҷӯе, ки дар хобгоҳ истиқомат мекунад ӯҳдадор аст:
- қоидаҳои низоми дохилиро қатъиян риоя намояд;
- ба таҷҳизот ва асбобу анҷоми хобгоҳ муносибати дилсӯзона намояд;
- дарахту ниҳолҳои атрофи хобгоҳро поймол насозад;
- саҳн ва атрофи хобгоҳро ифлос насозад;
- дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок намояд;
- асбобу анҷомҳои шахсии худро, ки мавриди истифодаи ҳаррӯза нестанд, ба анҷомхонаҳои хобгоҳ супорад. Барои гум шудани асбобу маблағҳои носупорида, маъумурияти хобгоҳ ҷавобгар нест.
- ҳангоми аз ҳуҷра охирин шуда баромадан, чароғ ва дигар асбобҳои барқиро хомӯш намояд. Дару тирезаҳоро махкам карда, калидро ба дарбон супорад.
- ҳангоми ворид шудан ба хобгоҳ ҳамаи талаботҳои дар боло зикр шударо сари вакт иҷро намояд;
- аз хобгоҳ рафтан ва ё ба муддати тӯлонӣ аз хобгоҳ баромадан комендант ё раиси Шӯрои донишҷӯёнро ду рӯз пеш хабар созанд, анҷомҳои хобгоҳро шахсан баргардонанд.
- бо либос ва пойафзоли ифлос вориди хобгоҳ нашаванд;
- қоидаҳои техникаи бехатарии зидди сӯхторро риоя намоянд ва ҳангоми сар задани сӯхтор мувофиқи талаботҳои он амал кунанд;
- бо истиқоматкунандагони дигари хобгоҳ боэҳтиром бошанд;
- дар маҷлисҳои умуми иштирок намуда, қарорҳои дар он қабулшударо бечунучаро иҷро намоянд;
- талаботҳои Раис ва аъзои Шӯрои донишҷӯёнро ҳатман иҷро намоянд;
- дар сурати ошкор намудани қоидавайронкунӣ аз ҷониби шахсони дигар, ҳатман ба раиси Шӯрои донишҷӯён ё комендант хабар диҳанд;

## XII. Ба истиқоматкунандагони хобгоҳ қатъиян манъ аст.

77.Амалҳои зерин дар хобгоҳ қатъиян манъ буда, барои содир намудани онҳо муҷозот пешбини шудааст:
- бе иҷозат иваз намудани ҳуҷраи истиқоматӣ;

- худсарона аз як ҷой ба ҷои дигар кӯчонидани асбобу таҷҳизоти хобгоҳ;
- таъмир ва дигар кардани хатҳои интиқоли барқ, таҷҳизоти барқии хобгоҳ;
- истифодаи асбобҳои иловагии барқӣ;
- дар деворҳо овезон намудани ҳар гуна плакату расмҳои манъшуда;
- шустан ва хушк намудани либос дар ҷойҳои истифодаи умумӣ;
- аз асбобҳои гармкунандаи барқӣ ва керасинӣ истифода бурдан дар дохили ҳуҷраи истиқоматӣ;
- бо худ овардан ва дар хуҷраҳои истиқоматӣ нигоҳ доштани нӯшокиҳои спиртӣ ва маводҳои мадҳушкунанда;
- истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ дар хобгоҳ;
- дар ҳуҷраҳо нигоҳ доштани маводҳои тарканда ва оташангез;
- нигоҳ доштани ҳама гуна навъи ҳайвонот ва паррандагон дар дохили ҳуҷра;
- бе иҷозати комендант овардани ҳар гуна таҷҳизоту асбобҳои зараровар ба хобгоҳ;
- бе зарурат аз хобгоҳ рафтан ба муддати ду ҳафтаи пай дар пай;
- муносибати дағалона ба коркунони хизматии хобгоҳ;
- баъди соати $23^{00}$ ворид шудан ба хобгоҳ;
- шабҳангом нигоҳ доштани шахсони бегона дар хобгоҳ;
- сару садо намудан дар ҷойҳои истифодаи умумӣ;
- баланд намудани садои радиоприёмник ва магнитафон;
- аз иштирок дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ саркашӣ кардан;
- бо ҳамхонаҳои худ ва бошандагони дигари хобгоҳ дағалона муносибат намудан.

## XIII. Ҳавасмандгардонии донишҷӯёни фаъол.

**78.** Донишҷӯёне, ки низоми дохилии хобгоҳро пурра риоя менамоянд ва бо рафтори намунавиашон ба беҳтар гардонидани корҳои тарбиявӣ таъсири мусбат мерасонанд, дар корҳои ҷамъиятии хобгоҳ фаъолона иштирок менамоянд ва ташаббускоранд, аз ҷониби маъмурияти хобгоҳ ва донишгоҳ ҳавасманд гардонида мешаванд.

**79.** Барои ахлоқи хуб ва рафтори намунавӣ дар хобгоҳ ва иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ маъмурияти хобгоҳ ва донишгоҳ аз чунин шаклҳои ҳавасмандгардонӣ истифода мебаранд:
- эълон намудани ҳуҷраи беҳтарин;
- эълон намудани ошёнаи беҳтарин;
- раҳматнома эълон намудан;
- мукофотонидан бо ифтихорнома;
- мукофотонидан бо тӯҳфаҳои хотиравӣ;
- озод намудан аз пардохти якмоҳаи иҷорапулӣ;

## XIV. Пешбинии чораҳо нисбати қоидавайронкуниҳо.

80. Маъмурияти донишгоҳ ҳақ дорад барои вайрон кардани тартиботи дохилӣ ва иҷро накардани ӯҳдадориҳои ба зима гирифтааш нисбати истиқоматкунандагони хобгоҳ муҷозоти зеринро истифода намояд:
- сарзаниш;

- танбеҳ;
- аз хобгоҳ хориҷ кардан.

81. Шахсоне, ки ба бинои хобгоҳ, таҷҳизот ва асбобу ашёҳои он зарари моддӣ мерасонанд, ӯҳдадоранд зарари расонидашударо пурра ҷуброн намоянд.

82. Шахсоне, ки аз пардохти ду моҳаи ҳаққи зист қарздоранд, аз ҳуқуқи истифодаи хобгоҳ маҳрум карда мешаванд.

83. Шахсоне, ки амволу ашёи хобгоҳро медузданд ва дар ҳолати корношоямӣ қарор медиҳанд маблағи гарав месупоранд ва аз ҳисоби он маблағи супоридаашон барқарор карда мешаванд.

84. Нафароне, ки дар хобгоҳ сабабгори ҷангу ҷидол мешаванд ва байни ҳамдигар низоъ бармеангезанд, то анҷоми давраи донишҷӯӣ аз ҳуқуқи истиқомат дар хобгоҳҳои донишгоҳ маҳрум карда мешаванд.

## XV. Реҷаи хобгоҳ

85. Кушодашавии хобгоҳ - соати $6^{00}$
86. Пӯшидашавии хобгоҳ - соати $22^{00}$
87. Вақти хоб - аз соати $23^{00}$

## XVI. Фаъолияти «Низомнома»-и мазкур ва қатъ намудани амали он.

88. «Низомнома»-и мазкур дастури асосии кори хобгоҳи донишҷӯёни донишгоҳ ба ҳисоб рафта, тамоми фаъолияти он мувофиқи талаботҳои ҳамин «Низомнома» ба роҳ монда мешавад.

89. «Низомнома»-и мазкур бо пешниҳоди Раёсати донишгоҳ дар Шӯрои Олимони донишгоҳ тасдиқ карда мешавад ва аз рӯзи тасдиқ шуданаш эътибор дорад.

90. Амали «Низомнома» дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:
- бо қарори Шӯрои Олимони донишгоҳ;
- қабул намудани «Низомнома»-и нав.